Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (734003), ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 146.

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссератацияи номзадии Одиназода Амин Иброҳим дар мавзуи «Таъмини рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02–«Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ».**

Дар шароити рушди муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ, вазъи зудтағйирёбанда ва пешгӯйинашавандаи замиони муосир, ноил гардидан ба мақсаду ҳадафҳои стратегӣ, аз қабили «Таъмини амнияти озуқаворӣ», бевосита ба рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ алоқаманд мебошад, чунки тибқи омори расмӣ, 82,3 фоизи заминҳои корам чун воситаи асосии истеҳсолот дар ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) чун соҳибкории инфиродӣ дар соҳаи мазкур қарор дорад, ки ин далели возеҳу равшани нақши муҳим доштани фаъолияти соҳибкорӣ дар рушди соҳаи кишоварзӣ ва «таъмини амнияти озуқаворӣ»-и кишвар мебошад.

Гарчанде, солҳои охир дар нишодиҳандаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ тамоюлҳои мусбат ба назар расад ҳам, вале сатҳу сифати рушди он, хусусан, дар заминаи таъмини рушди фаъолияти соҳибкорӣ ҳанӯз ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ набуда, дар ин самт ҳоло ҳам масъалаҳои зиёди ҳалталаб ҷой доранд. Бинобар ин, мавзуи интихобгардида сарфи назар аз таҳқиқотҳои зиёди олимон дар ин самт муҳим ва саривақтӣ дониста мешавад.

Муаллиф тавонистааст, ки қисмати мукадимаи автореферaтро тибқи муқаррарот, бахусус, дастурамал доир ба таҳия кори диссертатсионӣ ва автореферат иҷро намуда, мавзуи зери таҳқиқ қарор гирифтаро мувофиқ ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот илман асоснок намояд. Аз ҷониби муаллиф, натиҷаҳои бадастомада дар қисмати навгониҳои илмӣ пурра муайяну мушаххас ва таҳлилу арзёбӣ гардидаанд.

Аз ҷониби муаллиф бобҳои рисолаи диссертатсионӣ дар автореферат ба таври алоҳида ва мушаххас пешниҳод шудаанд. Дар доираи **боби якум,** ҷанбаҳои назариявии мавзуи таҳқиқшаванда ва дар қисмати таҷрибаи ҷаҳонии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, масъалаи зикргардида, мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифта, истифодаи таҷрибаи онҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок шудааст.

Дар **боби дуюм,** тамоюл, омилҳои асосии рушд ва самаранокии

иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо пеш овардани факту рақамҳои оморӣ асоснок гардидааст.

Дар доираи **боби сеюм,** унвонҷӯ самтҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзии мамлакат, бахусус, тавассути истифодаи технологияи инноватсионӣ, ҳамгироии агросаноатӣ ва танзими давлатӣ чун омили муҳимми баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкориро дар соҳаи таҳқиқшаванда таҳлилу арзёбӣ намуда, онро бо ҷадвал ва натиҷаҳои назарсанҷӣ илман асоснок намудааст.

Яке аз бартариатҳои дигари автореферат дар он ифода меёбад, ки диссертант тавонистааст, ки баъзе сабабу омилҳоро, хусусан, вобаста ба истифодаи самараноки замин (саҳифаҳои 16-18), инчунин, истифодаи техналогияҳои инноватсионӣ ҳангоми кишту парвариш (саҳифаи 20) асоснок намояд.

Дар **хулоса** муаллиф Одиназода Амин Иброҳим натиҷаҳои таҳқиқи анҷомгирифтаро ҷамъбаст намуда, доир ба таъмини рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва самаранокии он дар соҳаи кишоварзӣ таклифу тавсияҳои амалии хешро таҳия ва пешниҳод намудааст, ки дар амал татбиқи он ба рушди минбаъдаи соҳаи таҳқикгардида, мусоидат хоҳад кард. Аммо, бо вуҷуди ин, автореферати тақризшаванда аз камбудӣ холӣ нест.

1. Масалан, ба манфиати кор мебуд, агар дар автореферат вазъи кунунии рушди соҳибкорӣ ва бартариятҳои он, хусусан, дар доираи минтақаҳои кӯҳсори кишвар таҳлил ва қиёс карда мешуд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсия аз лиҳози илмӣ дар як сатҳи хуб таҳия гардида, эроди гирифташуда, хусусияти тавсиявӣ дошта, моҳият ва арзиши илмии рисолаи мазкурро коҳиш намедиҳад. Муаллифи он Одиназода Амин Иброҳим сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02–Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мебошад.

**Муқарриз:** мудири шуъбаи омӯзиш ва мониторинги
сармоягузорӣ дар КАС-и Институти иқтисодиёт
ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ,
н.и.и., дотсент, профессори АИТ ФР Ахмедов Д.Ҳ.
22.08.2024

Имзои н.и.и., дотсент, профессори АИТ ФР
Ахмедоав Д.Ҳ.–ро тасдиқ менамоям

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе,
кӯчаи Ҳаёти нав х. 306. (+992) 37 236-92-10
E-mail:info@iik.tj